«Тасдиқ мекунам»
**Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,**
**д.и.х., профессор Насриддинзода Э.С.**
________________________________
«___» ______________________ 2024 с.

# ХУЛОСАИ
## Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Диссертатсия дар мавзуи «Таъмини амнияти озуқаворин Ҷумҳурии Тоҷикистон: назария, методология ва амалия», барои дарёфти дараҷаи дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.01 – Амнияти иқтисодӣ дар кафедраи иқтисоди миллӣ ва бехатарии иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба анҷом расонида шудааст.

Алиев Олимҷон Маҳмудович, соли таваллуд 19.02.1983, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон. Соли 2005 факултети молиявию иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси молия ва қарз хатм намудааст. Пас аз хатми донишгоҳ соли 2005 фаъолияти меҳнатиашро ба ҳайси ассистенти кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва аудити Донишгоҳи миллии Тоҷикистон огоз намуда аст. Соли 2006 ба асперантураи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дохил шуда, онро соли 2010 хатм намуда аст.

Соли 2012 диссертасияи номзадиро дар мавзӯи «Пути устойчивого самообеспечения региона продовольствием (на примере районов Центрального Таджикистана)» дар шурои диссертатсионии ДМ 737.004.07 -и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дифоъ намуда, соли 2013 аз тарафи Комиссияи олии аттестатсионии Федератсияи Россия бо унвони илмии номзади илмҳои иқтисодӣ мушарраф гардидааст.

Аз 02 ноябри соли 2020 то инҷониб ҳамчун унвонҷӯ (докторант)-и кафедраи иқтисоди миллӣ ва бехатарии иқтисодии факултети иқтисод ва идораи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба шумор меравад (маълумотномаи №03/184-04 аз «24» июни соли 2024).

**Мушовири илмӣ:** Қодирзода Диловар Баҳриддин – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор.

Диссертатсияи Алиев Олимҷон Маҳмудович дар ҷаласаи васеи кафедраи иқтисоди миллӣ ва бехатарии иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2024 бо суратҷаласаи №11 муҳокима гардид.

Докторант оид ба мавзуи диссертатсионӣ 31 маводи илмӣ, аз ҷумла, 17 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расонидааст.

**Баҳодиҳии иҷрои диссертатсия.** Диссертатсияи Алиев Олимҷон Маҳмудович дар мавзуи «Таъмини амнияти озуқаворӣи Ҷумҳурии Тоҷикистон: назария, методология ва амалия» ба масъалаҳои мубрами муосири илми иқтисодӣ бахшида шудааст, ҳамзамон бо забони илмӣ навишта шуда, таҳқиқоти анҷомёфта ба ҳисоб меравад, мақсад ва вазифаҳои диссертатсия иҷро гардида, пешниҳод ва хулосаҳо асоснок гардидаанд.

**Мубрам будани мавзуи диссертатсия.** Дар шароити ҳамгироии иқтисодиёти миллӣ бо иқтисодиёти ҷаҳонӣ, таъмини бехатарии иҷтимоиву иқтисодии кишвар ва татбиқи ҳадафи олии Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмини амнияти озуқаворӣ яке аз масъалаҳои мубрами рӯз ба шумор рафта, тадқиқоти илмие, ки дар ин самт гузаронида мешавад, аҳаммияти назарраси назариявӣ, методолӣ ва амалӣ дорад, зеро ҳалли ин масъала яке аз шартҳои нигоҳ доштани истиқлолияти давлатӣ, амнияти иқтисодӣ, устувории иҷтимоӣ ва дар маҷмӯъ таъмини амнияти миллии давлат мебошад.

Масъалаи мазкур аз нуқтаи назари ҳадафҳои стратегии кишвар буда, ҳалли он аз қонеъ гардонидани талаботи аҳолӣ бо маҳсулоти хӯрокворӣи кофӣ ва баландсифат, таъмин намудани саноати коркард бо ашёи хоми кишоварзӣ, нигоҳ доштани суботи иҷтимоию сиёсӣ дар ҷомеа бо роҳи дастрас кардани маҳсулоти хурокворӣ, пешгирии вобастагии иқтисодиёти миллӣ аз воридоти маҳсулоти озуқаворӣи бозорҳои ҷаҳонӣ вобастагӣ дорад.

Таъмини амнияти озуқаворӣ истифодаи тамоми омилҳои заруриро барои амалӣ намудани манфиатҳои стратегии иқтисодии миллӣ дар истеҳсол ва дастрас кардани маҳсулоти озуқаворӣ ба истеъмолкунандагонро талаб мекунад. Дар ин самт стратегия ва тадбирҳои муассир андешидан зарур аст, ки соҳаи агросаноатии кишвар такомул ва рушд бахшад. Ҳадафи асосӣ фароҳам овардани шароити мусоид барои таъмини устувори талаботи аҳолӣ бо маҳсулоти озуқаворӣ ва таъмини амнияти озуқаворӣи кишвар бо роҳи самаранок истифода бурдани иқтидорҳои истеҳсолию иқтисодии мамлакат мебошад.

Бисёр муҳим будани такмилдиҳии консепсияи амнияти озуқаворӣ дар шароити гузариши иқтисодиёти миллӣ ба моделҳои навӣ иқтисодӣ, муайян кардани моҳият ва нақши амнияти озуқаворӣ дар низоми амнияти иқтисодӣ, ба таври нокифоя омӯхта шудани ҷанбаҳои назариявӣ ва методологии

таъмини амнияти озуқаворӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз муҳимят ва мубрамияти мавзуи таҳқиқот гувоҳӣ медиҳанд, ки сабаби интихоби мавзӯи кори диссертатсионӣ ва доираи масъалаҳои дар он баррасишаванда гардидаанд.

Ихтисос ва номи мавзуи диссертатсияи Алиев Олимҷон Маҳмудович «Таъмини амнияти озуқаворechi Ҷумҳурии Тоҷикистон: назария, методология ва амалия» ба шиносномаи ихтисоси 08.00.06.01 – Амнияти иқтисодӣ мувофиқат мекунад.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба нақшаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии факултети иқтисод ва идораи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар мавзуӣ «Таъмини амнияти озуқаворechi Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва нақшаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи иқтисоди миллӣ ва бехатарии иқтисодӣ алоқаманд аст, ки дар он диссертатсия иҷро гардидааст. Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба талаботи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Барномаи амнияти озуқавории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2024», «Барномаи рушди низоми агроозуқаворӣ ва кишоварзии устувор барои давраи то соли 2030, Барномаи давлатии мусоидат ба содирот ва воридотивазкунии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020, Барномаи саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025 ва Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2021-2025» дар қаринаи масъалаҳои таъмини бехатарии озӯкворӣ ва дастрасӣ ба маҳсулоти хушсифат ва саноатикунонии босуръат ҷавобгӯй мебошад.

**Мақсади таҳқиқот.** Мақсади таҳқиқоти диссертатсионӣ ин асосноккунии масъалаҳои назариявию методологӣ ва коркарди тавсияҳои амалӣ дар самти таъмини амнияти озуқаворӣ дар шароити муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

**Вазифаҳои таҳқиқот**. Барои ноил шудан ба ҳадафи таҳқиқот, ҳалли вазифаҳои зерин зарур аст:

- ошкор намудани асосҳои консептуалии таҳқиқоти амнияти озуқаворӣ дар шароити бозор ва ошкор намуда, тафсири муаллифии онро ҳамчун категорияи иқтисодӣ шарҳ додан;

- таҳия ва озмоиши методологияи арзёбии амнияти озуқаворӣ дар сатҳи миллӣ ва минтақавӣ, инчунин ба низом даровардани принсипҳои методологӣ ва нишондиҳандаҳои муайян намудани сатҳи амнияти озуқаворӣ;

- асоснок намудани муқаррароти методологии арзёбии сатҳи таъминоти захиравии амнияти озуқаворӣи Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- таҳлили вазъи амнияти озуқаворӣ ва тамоюлҳои он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти афзалиятҳои миллӣ дар самти расидан ба амнияти озуқаворӣ ва таъмини аҳолӣ бо ғизои хушсифат;

- баҳодиҳии омилҳое, ки ба ҳолат ва тағйирёбии таъмини амнияти озуқаворӣи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити чолишҳо ва таҳдидҳои муосир таъсир мерасонанд;

- озмоиши методологияи васеъ намудани дастрасии маҳсулоти кишоварзӣ бо назардошти ҷузъҳои гуногун;

- таҳияи заминаҳои консептуалии таъмини амнияти озуқаворӣ дар асоси даврабандии он, инчунин асоснок намудани зарурати таҳияи «Доктринаи амнияти озукавории Чумхурии Точикистон»;

- ошкор намудани самтҳои асосии таъмини амнияти озуқаворӣи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муайянсозии дурнамои он;

- муайян кардани параметрҳои дурнамои истеҳсол ва истеъмоли маҳсулоти озуқаворӣ дар асоси сенарияи базавии татбиқи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030;

- асоснок намудани самтҳои такмили механизми дастгирии давлатии истеҳсоли маҳсулоти кишоварзии ба содирот нигаронидашуда ва воридотивазкунанда.

**Объекти таҳқиқот**. Объекти таҳқиқоти диссертатсионӣ субъектҳои иқтисодӣ ва аҳолӣ мебошанд, ки дар раванди таъмини амнияти озуқаворӣи Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирок менамоянд.

**Мавзуи (предмет) таҳқиқот.** Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ маҷмӯи муносибатҳои ҳамгироии субъектҳои иқтисодӣ ва аҳолӣ мебошад, ки дар раванди таъмини амнияти озуқаворӣи Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирок менамоянд.

**Фарзияи таҳқиқот** аз такомули методологияи арзёбии сатҳи амнияти озуқаворӣ ва таъмини захиравии амнияти озуқаворӣ иборат аст, инчунин зарурати таҳияи доктрина оид ба амнияти озуқаворӣи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бояд як қатор тадбирҳоро ба монанди пешгирӣ аз хатарҳои ҷиддии ғизо ва саломатии шаҳрвандон риоя карда шуда, дастрасии ҳама одамон дар вақти

дилхоҳ ба миқдори кофӣ барои ҳаёти фаъол ва солим, барои ноил шудан ба ҳадафҳои асосии стратегияи миллии рушдро дар бар мегирад.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот.** Асоси назариявии таҳқиқотро асарҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ оид ба мавзуи интихобшуда ва заминаи меъёрӣ-ҳуқуқии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти таъмини амнияти озуқаворӣ, маводҳои илмию методии конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ, инчунин маводҳои Интернет ташкил медиҳанд.

**Асосҳои методологии таҳқиқот.** Асоси методологӣ ва методии таҳқиқотро принсипҳо ва консепсияҳои илмии таҳлили амнияти озуқаворӣ ташкил менамояд.

Натиҷаҳои илмии таҳқиқот бо истифода аз усулҳои зерини таҳлил ба даст оварда шудаанд: усулҳои абстраксияи илмӣ, таҳлили муқоисавӣ, таҳлили иқтисодӣ-оморӣ, монографӣ, таърихӣ-мантиқӣ, институтсионалӣ, индуктивӣ-дедуктивӣ ва динамикӣ, инчунин моделсозии иқтисодию риёзӣ ва ғайра.

**Иштироки шахсии унвонҷӯ (докторант), дар гирифтани натиҷаҳое, ки дар диссертатсияи пешниҳод кардааст.** Диссертатсия натиҷаи тадқиқоти шахсии докторант ба шумор меравад. Ақидаҳои илмӣ, коркарди назариявӣ, методологӣ ва амалии таъмини амнияти озуқавории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки нақши худро дар илми иқтисодӣ мегузоранд, ба муаллифи диссертатсия дахл дорад. Ҳамаи корҳои иҷрогардида аз ҷониби муаллиф мустақилона амалӣ гардида, дар онҳо ҳолатҳои асосӣ ва натиҷаи тадқиқот инъикос гардидааст.

**Сарчашмаи маълумот.** Манбаи иттилоотии таҳқиқотро инҳо ташкил додаанд: Фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳо ва фармонҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ғузоришҳои таҳлилии Ташкилоти озуқаворӣ ва кишоварзии (FAO) Созмони Милали Муттаҳид, Бонки ҷаҳонӣ, инчунин, маводҳои илмӣ-таҳқиқотие, ки муаллиф дар рафти таҳқиқот ҷамъ овардааст. Манбаи иттилоотии таҳқиқотро ҳамзамон, маводи маълумотӣ, оморӣ ва меъёрию ҳуқуқӣ оид ба таъмини амнияти озуқаворӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон; санадҳои меъёрию ҳуқуқии соҳавӣ, интишороти ташкилотҳои байналмилалии СММ, маводи назариявӣ ва монографияҳои муаллифони ватанӣ ва хориҷӣ ташкил медиҳанд.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.** Тахассуси илмии довталаб ба ихтисос ва самти интихобшуда мувофиқат намуда, ба

талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) ҷавобгӯй мебошад.

**Навгонии илмии таҳқиқот.** Навгонии илмии таҳқиқот ин асосноккунии назариявию методологӣ ва коркарди тавсияҳои амалӣ дар самти таъмини амнияти озуқавории Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Натиҷаҳои зерини муҳимтарин ба даст оварда шудаанд, ки навгонии илмии таҳқиқотро муайян мекунанд:

- асосҳои консептуалии амнияти озуқаворӣ дар заминаи таҷдиди равандҳои маҳаллисозии истеҳсолот ва коҳиш додани вобастагии истеъмоли дохилӣ аз омилҳои беруна омӯхта ва ошкор гардида, дар ин замина амнияти озуқаворӣ ҳамчун истиқлолияти низоми озуқавории миллӣ, ки дар таъмини он давлат нақши аввалиндараҷа бозида, ҳамчун муайянкунандаи мавҷудияти бехатарии ҷомеа ва тарроҳи асосии амнияти иқтисодии ҳар як кишвар мебошад, тафсири муаллифӣ дода шудааст;

- методологияи баҳодиҳии амнияти озуқаворӣ дар сатҳи миллӣ ва минтақавӣ таҳия гардида, принсипҳо ва нишондиҳандаҳои методологии муайянсозии сатҳи амнияти озуқаворӣ, инчунин нишондиҳандаҳо ва индикаторҳои баҳодиҳии самаранокии сиёсати давлатии агросаноатӣ ба низом даровардa шудаанд. Муносибати методологии системаи тадбирҳо ва механизмҳои татбиқи сиёсати кишоварзию озуқаворӣ бо назардошти нишондиҳандаҳо ва омилҳои объективӣ пешниҳод шудааст;

- муқаррароти методӣ оид ба арзёбии сатҳи захираҳои таъмини амнияти озуқаворӣ таҳия шудааст, ки ташаккули захираҳои буферии озуқаворӣ, мақсад, вазифаҳо, нақш ва аҳамияти захираҳои буферӣ дар ҳалли мушкилотҳои дастрасии маҳсулоти хӯроквориӣ муайян карда шудааст. Мушкилотҳое, ки ба ташаккули захираҳои буферӣ монеъа эҷод мекунанд, ошкор карда шуда, бори аввал дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳаҷми миқдории захираҳои буферӣ дар давраи муайян баҳодиҳӣ карда шудааст;

- таҳлили ҳамаҷонибаи вазъи таъмини амнияти озуқавории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти татбиқи афзалияти миллӣ дар ноил шудан ба амнияти озуқаворӣ ва таъмини аҳолӣ бо маҳсулоти хушсифати озуқаворӣ гузаронида шуда, тамоюлҳои он муайян карда шуданд. Имкониятҳои иқтидори низоми кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ошкор карда шуда, шакл ва динамикаи нишондиҳандаҳои асосие, ки истеҳсолот, таъминоти техникӣ ва ҳолати базаи захиравии маҳсулоти кишоварзиро тавсиф мекунанд, муайян карда шудаанд;

- бо дарназардошти чолишҳо ва таҳдидҳои муосир, омилҳои таъсиргузор ба ҳолат ва динамикаи таъмини амнияти озуқаворӣ дар

Ҷумҳурии Тоҷикистон гурӯҳбандӣ ва арзёбӣ карда шуданд. Самтҳои имконпазири таъмини амнияти озуқаворӣ бо дарназардошти рушди низоми дастгирии давлатӣ, танзими тарофавӣ-гумрукӣ, ташаккули низоми идоракунии сифати маҳсулот, инчунин тавсеаи механизмҳои дастгирии молиявӣ, инфрасохторӣ ва инноватсионии истеҳсолкунандагони маҳсулоти озуқаворӣ муайян карда шудаанд;

- методикаи васеъ намудани дастрасии маҳсулоти кишоварзӣ пешниҳод ва озмоиш карда шудааст, ки аз истифодаи чунин ҷузъҳо ба мисли даромад, таъминот, ҷойгиркунии шабакаҳои савдо ва тақсимот иборат мебошад. Исбот шудааст, ки бо назардошти афзалияти истеҳсолоти воридотивазкунанда афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти озуқавории ватанӣ, кам кардани хавфи воридоти беназорат, истифодаи механизмҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ, инчунин васеъ намудани ҷузъҳои инфрасохтор зарур аст;

- асосҳои консептуалии таъмини амнияти озуқаворӣ дар асоси даврабандии он таҳия гардида, зарурати таҳияи «Доктринаи таъмини амнияти озуқавории Ҷумҳурии Тоҷикистон» асоснок карда шудааст. Зарурати бознигарии сиёсати давлатӣ дар самти кишоварзӣ дар шароити гузаштан аз модели рушди иқтисодии аграрию индустриалӣ ба модели индустриалию аграрӣ асоснок карда шудааст;

- роҳҳои асосии таъмини амнияти озуқавории Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла, ҷузъҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, тиҷоратӣ, иҷтимоӣ ва идоракунӣ ошкор карда шудаанд. Дар ин замина бо назардошти устувории истеҳсолоти кишоварзӣ, додани қарзҳои имтиёзнок, ташаккули захираҳои буферӣ, таҳияи консепсияҳои азхудкунии заминҳои нав ва шаклҳои истифодаи замин, инчунин беҳтар намудани сифати маҳсулоти озуқаворӣ ҳамчун самтҳои ояндадори таъмини амнияти озуқаворӣ муайян карда шуданд;

- нақш ва аҳамияти механизмҳои маркетингӣ ва самарабахши бозор дар ташаккули низомҳои устувори кишоварзию озуқаворӣ исбот шудааст. Ҳаҷми истеҳсол ва истеъмоли маҳсулоти озуқаворӣ дар асоси сенарияи асосии татбиқи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ҳисоб ва ояндабинӣ карда шудааст. Зарурати рушди заминаи истеҳсолӣ, захиравӣ, инфрасохтории таъмини амнияти озуқаворӣ ва низоми мониторинги вазъи амнияти озуқаворӣ асоснок карда шудааст;

- самтҳои ояндадор оид ба такмил додани механизмҳои дастгирии давлатии истеҳсоли маҳсулоти кишоварзии ба содирот нигаронидашуда ва воридотивазкунанда асоснок карда шудаанд, ки аз асоснокозӣ ва ба низом даровардани воридот ва содирот, инчунин диверсификатсияи истеҳсолоти кишоварзӣ иборат мебошад. Бори аввал дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон

заруriят ва принсипҳои ҷорӣ намудани кишоварзии барқароршаванда ва айвонӣ ҳамчун самтҳои асосии таъмини амнияти озуқаворӣ аз ҷиҳати илмӣ асоснок карда шуданд.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот** дар таҳлил ва ҷамъоварии корҳои илмӣ-амалии таҳқиқотии муаллиф аз нуқтаи назари ташаккулёбӣ ва рушди ҷанбаҳои таъмини амнияти озуқаворӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат мебошад. Татбиқи амалии муқаррароти методологӣ ва тавсияҳои амалии кори диссертатсионӣ ба тақвияти асосҳои консептуалӣ ва амалии таъмини амнияти озуқаворӣ мусоидат мекунад.

Натиҷаҳои таҳқиқоти илмиро дар раванди таҳияи доктринаи амнияти озуқаворӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои оянда, инчунин консепсияҳо ва барномаҳои таъмини амнияти озуқаворӣ истифода бурдан мумкин аст. Тавсияҳои дар диссертатсия зикргардидаро метавон дар фаъолияти мақомотҳои давлатии соҳавӣ истифода намуд.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки муқарраароти асосӣ ва тавсияҳои пешниҳодгардида метавонанд дар рафти таҳрезии Барномаҳои соҳавӣ ва фаъолияти Вазорати кишоварзӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба кор бурда шаванд.

Маводҳои таҳқиқотро метавон дар таълими фанҳои «Иқтисодиёти кишоварзӣ», «Бехатарии иқтисодӣ» инчунин дар курсҳои махсус оид ба масъалаҳои назария ва амалияи таъмини амнияти озуқаворӣ истифода бурд.

**Алоқамандии мазмуни диссертатсия бо интихоби ихтисос.** Диссертатсияи Алиев Олимҷон Маҳмудович дар мавзуи «Таъмини амнияти озуқавории Ҷумҳурии Тоҷикистон: назария, методология ва амалия» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.01 – Амнияти иқтисодӣ, мувофиқат мекунад.

**Мутобиқати теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он.** Вобаста ба мавзуи диссертатсионӣ 31 корҳои илмӣ дар ҳаҷми 45 ҷузъи чопӣ, аз он ҷумла 3 монография бо ҳаҷми 29,6 ҷузъи чопӣ ва 28 мақола бо ҳаҷми 15,4 ҷузъи чопӣ (аз муаллиф – 14 ҷ.ч.), аз он ҷумла 17 мақола дар маҷаллаҳои (нашриёҳои) илмии тақризшавандаи КОА назди ПрезидентиҶумҳурии Тоҷикистон аз чоп баромаданд, ки пурра муҳтавои диссертатсия ва автореферати диссертатсияро инъикос менамоянд.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Натиҷаҳо ва пешниҳодҳои асосии диссертатсия аз ҷониби муаллиф дар конференсияҳо ва семинарҳои илмӣ-назариявии сатҳи донишгоҳӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ ва раванди баргузор кардани дарсҳои лексионӣ ва семинарӣ пешниҳод карда шудаанд.

**Мавҷудияти санадҳои тасдиққунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот ё имконияти татбиқ намудани онҳо.** Натиҷаи илмии диссертатсия ҳангоми раванди фаъолият ва таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи таъмини амнияти озуқаворӣ, истифода гардидаанд: Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон (маълумотномаи №15-2886 аз «19» 12 соли 2023), Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва назорати савдои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (маълумотномаи №03-1817 аз «27» 12 соли 2023), Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон (маълумотномаи №4/7-2164 аз «25» июни соли 2024) инчунин ҳангоми тадрис дар раванди таълими Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маълумотномаи №785/дс аз «20» 12 соли 2023) аз фанҳои «Асосҳои бехатарии иқтисоди миллӣ», «Банақшагирии стратегӣ» ва «Асосҳои бехатарии озуқаворӣ» татбиқ мешавад.

**Саҳми довталаб дар иҷрои таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Саҳми шахсии муаллиф дар ҷамъбаст кардан, ба низом даровардан, аниқ ва пурра кардани равишҳои назариявӣ, методологӣ ва амалии таъмини амнияти озуқавории Тоҷикистон ифода меёбад. Дар ҷараёни таҳқиқот муаллиф асосҳои амнияти озуқавориро омӯхта, масъалаҳои мавҷудият, дастрасӣ, истеъмол, захиракунии озуқаворӣ, коркарди дурнамои рушди устувор ва доктринаи таъмини амнияти озуқавориро таҳия намудааст. Механизм, принсипҳо ва консепсияҳо вобаста ба таъмини амнияти озуқавории Ҷумҳурии Тоҷикистон коркард ва пешниҳод карда шудааст. Натиҷаҳои таҳқиқотро дар шакли хулоса ва пешниҳодҳо дар мақолаҳои илмӣ пешниҳод намудааст.

**Руйхати мақолаҳои чопшудаи Алиев Олимҷон Маҳмудович**

***А) Монографияҳо:***


1. Алиев О.М. Проблемы регионального продовольственного обеспечения Республики Таджикистан [Текст]: монография / Д.У.Ураков, О.М. Алиев. - Душанбе: «Ирфон», 2011. – 120 с.

2. Алиев О.М. Проблемы продовольственного самообеспечения региона как основа устойчивого развития [Текст]: монография / О.М. Алиев. - Душанбе: «Ирфон», 2018. – 177 с.

3. Алиев О.М. Назария ва методологияи арзёбии сатҳи амнияти озуқаворӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон[Матн]: Монография / О.М. Алиев. – Душанбе. – 2024. – 176 с.

***Б. Интишорот дар маҷаллаҳо ва нашриёҳои илмии тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон***

4. Алиев О.М. Проблемы обеспечение населения продовольствием в Республике Таджикистан [Текст]: / О.М. Алиев // Вестник Таджикского национального университета. Серия: Экономика. - Душанбе: “Сино”, 2011. - №3 (67). - С. 82-88. ISSN 2074-1847

5. Алиев О.М. Тенденция производства и потребления продовольствия в регионах Республики Таджикистан [Текст]: / О.М. Алиев, Дж.Д. Уракова // Вестник Таджикского национального университета. Серия: Экономика. - Душанбе: “Сино”, 2011. - –№4 (68) С. 60-66. ISSN 2074-1847

6. Алиев О.М. Региональные проблемы продовольственного обеспечение страны [Текст]: / Д.У.Ураков, О.М. Алиев. // Вестник Таджикского национального университета. Серия: Экономика. - Душанбе: “Сино”, 2011. - –№7 (71) С. 70-74. ISSN 2074-1847

7. Алиев О.М. Продовольственное обеспечение в регионах Республики Таджикистан [Текст]: / О.М. Алиев. // Вестник Таджикского национального университета. Серия: Экономика. - Душанбе: “Сино”, 2011. - –№8 (75) С. 53-57. ISSN 2074-1847

8. Алиев О.М. Организационно-экономические основы обеспечения региона продовольствием [Текст]: / О.М. Алиев., Б. Д. Тагоев // Кишоварз (Земледелец) Таджикский аграрный университет. Серия: Экономика. - Душанбе: “Сино”, 2011. - –№8 (75) С. 49-51. ISSN: 2074-5435

9. Алиев О.М. Демография и проблемы продовольственной безопасность Республики Таджикистан [Текст]: / М. А. Одинаев, О. М. Алиев // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. - Душанбе: “Сино”, – 2012. – № 2/8-1(100). – С. 203-206. ISSN 2413-5151

10. Алиев О.М. Рост доход населения как средство достижение продовольственного самообеспечение региона [Текст]: / О. М. Алиев, Б.Д.Тагоев // Журнал «Таджикистан и современный мир». – Душанбе, 2017 - №1(56) С. 70-78. ISSN 2075-9584

11. Алиев О. М. Эффективное использование водных ресурсов как средство достижения продовольственной безопасности Республики Таджикистан [Текст]: / О. М. Алиев // Вестник Таджикского национального

университета. Серия социально-экономических и общественных наук. - Душанбе, – 2018. – № 9. – С. 217-221. ISSN 2413-5151

12. Алиев, О. М. Таҳаввулоти консепсияҳои асосии бехатарии озуқаворӣ [Матн]: / О. М. Алиев // Паёми молия ва иқтисод. – Душанбе, 2020. – № 3(23). – С. 91-98. ISSN: 2663-0389

13. Алиев О. М. Истеҳсолоти воридотивазкунанда ва нақши он низоми таъмини амнияти озуқавории Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]: / О. М. Алиев // Паёми молия ва иқтисод. – 2021. – № S4.2 (29). – С. 86-95. ISSN: 2663-0389

14. Алиев О. М. Продовольственная безопасность в системе национальной безопасности: основные принципы и предпосылки [Текст]: / О. М. Алиев // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – Душанбе, 2022. – № 6. – С. 146-152. ISSN: 2413-5151

15. Алиев, О. М. Баланд бардоштани сифати маҳсулоти ғизои ҷанбаи асосии амнияти озуқаворӣ [Матн]: / О. М. Алиев // Паёми молия ва иқтисод. – 2022. – №. S2.1(31). – С. 155-163. ISSN: 2663-0389

16. Алиев О. М. Сиёсати кишоварзӣ-озуқаворӣ: мафҳум, моҳият ва арзёбии он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]: / О. М. Алиев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе, 2023. – № 2. – С. 177-185. ISSN: 2413-5151

17. Алиев, О. М. Комплекси агросаноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: моҳият, ҳолати муосир ва тамоюл [Матн]: / О. М. Алиев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе, 2023. – № 3. – С. 91-100. ISSN: 2413-5151

18. Алиев, О. М. Арзёбии таҳдидҳо ва хавфҳои асосӣ ба амнияти озуқаворӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]: / О. М. Алиев // Вестник Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава. Серия гуманитарных и экономических наук. - Бохтар, 2023. – № 1-4(116). – С. 157-162. ISSN: 2663-5534

19. Алиев, О. М. Самтҳои асосии таъмини амнияти озуқаворӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]: / О. М. Алиев, Д. Б. Қодирзода // Паёми молия ва иқтисод. – 2023. – № 4-2(39). – С. 472-481. ISSN: 2663-0389.

20. Алиев О. М. Худтаъминкунии озуқаворӣ ва танзими воридот бо мақсади расидан ба амнияти озуқаворӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]: / О. М. Алиев // Иқтисодиёти Тоҷикистон. – 2024. – №. 2. – С. 179-186. ISSN: 2310-3957

***В. Мақолаҳо дар дигар нашриҳо:***

21. Aliev O.M. Assessment of the readiness of industrial production for digitalization in the Russian Federation / K. A. Artamonova, O. Yu. Gavel, D. S. Lopatkin [et al.] // JOP Conference Series: Metrological Support of Innovative Technologies, Krasnoyarsk, 04 марта 2020 года / Krasnoyarsk Science and Technology City Hall of the Russian Union of Scientific and Engineering Associations. Vol. 1515. – Krasnoyarsk, Russia: Institute of Physics and IOP Publishing Limited, 2020. – P. 32004. – DOI 10.1088/1742-6596/1515/3/032004.

22. Алиев О.М. Баъзе аз масоилҳои худтаъминкунии озуқавори дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]: / О.М. Алиев // Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф (2020-2040): илмӣ-назариявии ҳайати профессороно, устодон ва донишҷӯёни ДДМИТ, Душанбе, 13 октябри соли 2020. – Душанбе: ДДМИТ 2020. – С. 98-102.

23. Алиев О.М. Нақши андозҳо дар таъмини бехатарии озуқаворӣи Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]:/ О.М. Алиев, Т.А. Иброҳимов // Амалисозии рушди устувор: таҷрибаи хориҷӣ ва миллӣ: Маводи конференсияи байналхалқии илмию амалӣ, Душанбе, 13 октябри соли 2020. – Душанбе: Донишгоҳи миллии Тоҷикистон 2020. – С. 80-87.

24. Алиев О. М. Ҷанбаҳои илмӣ-назариявии бехатарии озуқаворӣ: фарзияҳо ва давраҳои ташаккул [Матн]: / О. М. Алиев, Б.Д. Тағоев // Тоҷикистон: иқтисод ва идора. – Душанбе, 2020. – № 2. – С. 95-103.

25. Алиев О.М. Пищевая промышленность Республики Таджикистан и его роль в обеспечении продовольственной безопасности: современное состояние и приоритетные направления развития [Текст]: / О.М. Алиев, Г.А. Курбонов // Национальные экономические системы в контексте формирования глобального экономического пространства: Сборник научных трудов. Под общей редакцией З.О. Адамановой. Симферополь, 2021. – С. 94-97.

26. Алиев О. М. Методы и методология определения уровня продовольственной безопасности в Республике Таджикистан [Текст]: / О. М. Алиев // Тоҷикистон: иқтисод ва идора. – Душанбе, 2021. – №3. – С. 50-57.

27. Алиев О. М. Таъмини бехатарии озуқаворӣ: таҷрибаи иттиҳоди Аврупо [Матн]: / О. М. Алиев // Тоҷикистон: иқтисод ва идора. – Душанбе, 2021. – №4. – С. 62-73.

28. Алиев О.М. Таҳлил ва баррасии ҳолат ва дурнамои мустақиқилияти озуқаворӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]: / О.М. Алиев, Т.А. Иброҳимов // Масъалаҳои такмили механизми молиявию қарзии рушди иқтисодиёти миллӣ: Маводи конфронси илмӣ – амалии ҷумҳуриявӣ, Душанбе, 05 октябри соли 2021. – Душанбе: Донишгоҳи миллии Тоҷикистон 2021. – С. 209-213.

29. Алиев О.М. Мушкилоти ҳавасмандгардонии андозӣ барои истеҳсолкунандагони маҳсулоти озуқаворӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]: / О.М. Алиев, Т.А. Иброҳимов // Муаммоҳои низоми андозбандӣ дар шароити муосир: Маводи конференсияи ҷумҳурияии илмию амалӣ, Душанбе, 25 ноябри соли 2022. – Душанбе: Донишгоҳи миллии Тоҷикистон 2022. – С. 110-114.

30. Алиев, О. М. Национальный, региональный и международные аспекты обеспечения продовольственной безопасности [Текст]: / О. М. Алиев, Д. Б. Кодирзода // Endless Light in Science. – Алмаата, 2022. – № 8-8. – С. 101-108.

31. Алиев О. М. Ташаккули низоми кӯмаки сурогавии озуқаворӣ ба аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]:/ О. М. Алиев // Тоҷикистон: иқтисод ва идора. – Душанбе, 2023. – № 1. – С. 78-84.

Баъди шунидан ва муҳокима намудани диссертатсияи Алиев Олимҷон Маҳмудович дар мавзуи «Таъмини амнияти озуқаворӣи Ҷумҳурии Тоҷикистон: назария, методология ва амалия» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.01 – Амнияти иқтисодӣ, шунидани тақризи мушовири илмӣ – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Қодирзода Д.Б., баромади муқарризони холис – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Раҳимзода Ҳ.Р., доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Низомова Т.Д., доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Ашуров И.С., маҷлиси васеи кафедраи иқтисоди миллӣ ва бехатарии иқтисодӣ дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии кушода ва хулосаи пешниҳодгардида оид ба мутобиқати ихтисос ва номи мавзуъ ба шиносномаи ихтисос, навгонии илмӣ, аҳаммият ва хулосаҳои диссертатсия, инчунин натиҷаҳои корҳои нашршудаи диссертатсияи Алиев Олимҷон Маҳмудович,

## ҚАРОР КАРДА ШУД:

1. Диссертатсияи Алиев Олимҷон Маҳмудович дар мавзуи «Таъмини амнияти озуқавории Ҷумҳурии Тоҷикистон: назария, методология ва амалия» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.01 – Амнияти иқтисодӣ пешниҳод гардидааст, кори илмии анҷомёфта ба ҳисоб рафта, ба талаботҳои бандҳои 32, 33, 34, 35 ва 37 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №267, аз 30 июни соли 2021) мувофиқат мекунад.

2. Диссертатсияи Алиев Олимҷон Маҳмудович дар мавзуи «Таъмини амнияти озуқаврии Ҷумҳурии Тоҷикистон: назария, методология ва амалия» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.01 – Амнияти иқтисодӣ, кори илмии анҷомдодашуда ба ҳисоб рафта, барои ҳимоя ба шурои диссертатсионии 6D.КОА-017 назди Институти иқтисодиёт ва демографияи АМИТ пешниҳод карда шавад.

Дар ҷаласа иштирок доштанд 22 нафар, аз онҳо бо ҳуқуқи овоздиҳӣ 10 нафар.

Натиҷаҳои овоздиҳии кушода чунин аст:

– “тарафдор” – 10 нафар;

– “зид” – нест;

– “бетараф” – нест.

Хулосаи мазкур дар ҷаласаи васеъи кафедраи иқтисоди миллӣ ва бехатарии иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 26-уми июни соли 2024, суратмаҷлиси №11 қабул гардидааст.

**Раисикунанда:**
**н.и.и, мудири кафедраи иқтисоди милли ва бехатарии иқтисодии ДМТ** **Тағоев Б.Д.**

**Котиб:**
**н.и.и., дотсенти кафедраи иқтисоди милли ва бехатарии иқтисодии ДМТ** **Сафаров Н.У.**

*Имзоҳои, Тағоев Б.Д. ва Сафаров Н.У. - ро тасдиқ мекунам.*

**Сардори Раёсати кадрҳо**
**ва корҳои махсуси ДМТ** **Тавқиев Э.Ш.**
**«04» 07 2024с.**